# Шарикӣ ба хотири сулҳу осоиш

**Ҷумҳурияти Ўзбекистон имрўз узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, бо мамлакатҳои номдори хориҷа ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ фаъолона ҳамкорӣ намуда, пешсафи мубориза барои сулҳу осоиш, ҳамкориву амнияти байналхалқӣ мебошад. Яке аз ин ташкилотҳое, ки мамлакати мо муносибати шарикӣ ва ҳамкориро ба роҳ мондааст, НАТО аст.**

Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ 4 апрели соли 1949 дар иёлоти Вашингтон ба имзо расидааст. Ташкилоти мазкурро ҳамон вақт 12 мамлакати мустақил созмон доданд, ки барои дифои ҳамдигар кафолатгар гашта буд. Имрўз миқдори мамлакатҳо—узви НАТО ба 19 адад расидааст.

Аввали солҳои 90-уми садаи гузашта НАТО таҷдид ёфта, баробари иҷрои вазифаи асосии худ дар рушди сохторҳои муштараки таъмини амният дар саросари Аврупо ҳам иштирок менамояд. Сохторҳои сиёсӣ ва ҳарбии НАТО бо назардошти он, ки дигар ташкилотҳои байналхалқӣ дар амалиётҳои сулҳофарӣ ва дар ҳаллу фасли танзими бўҳронҳо иштирок менамоянд, аз нав ташкил гардиданд.

Моҳи январи соли 1994 давлатҳои—иштирокдори Шўрои ҳамкории Атлатникаи Шимолӣ ва дигар мамлакатҳо—иштирокдори Ташкилоти амнияту ҳамкории Аврупо таклифро дар бобати иштирок ба Барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳ»-ро гирифтанд, ки барои қарор ёфтани шарикӣ байни НАТО ва мамлакатҳо—иштирокдори он нигаронда шуда буд.

Алҳол иштирокдори барномаи мазкур 27 мамлакат, аз он ҷумла Ўзбекистон ҳам мебошад.

Дар мулоқоти моҳи маи соли 1997 дар Синтреи Португалия Шўрои шарикии Авроатлантика созмон ёфт. Ва он маслиҳатдиҳиро оид ба масъалаҳои сиёсӣ, муаммоҳои амният ва вусъати ҳамкорӣ дар доираи барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳу осоишӣ» амалӣ мегардонад.

Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз соли 1994 боз дар барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳу осоиш» иштирок мекунад, ки омили муҳим дар бобати рушди муносибатҳои нав дар соҳаи амният байни Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ ва давлатҳо-шарикон ба ҳисоб меравад. Шўрои шарикии Авроатлантика анҷуманест, ки барои гузарондани машварат, муколама ва рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсат ва амният таъин гардидааст. Ҳамчунин мулоқотҳои мунтазамонаро бо мамлакатҳо-шарикон оид ба ҳамкорӣ мегузаронад.

Баъди созмон ёфтани Шўрои шарикии Авроатлантика тамоми мамлакатҳо-узви барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳу осоиш» узви он гардиданд. Баробари ин барномаи амиқу оҷилии шарикӣ қабул гардид.

Ба рушди ҳамкории мамлакати мо бо НАТО сафари Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.Каримов ба Белгия, ки 13 ноябри соли 1996 ба амал омаду дар рафти он ба қароргоҳи ташкилот ташриф оварда, бо Сармуншии НАТО Х.Солана вохўрд, такони нав бахшид. Соли 1998 дар Брюссел дар назди қароргоҳи ташкилоти мазкур Миссияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар назди НАТО кушода шуд. Ҳамчунин сафарҳои Сармуншиҳои НАТО Х.Солана ва Ҷ.Робертсон ба Ўзбекистон дар роҳи рушди минбаъдаи ҳамкорӣ иқдоми муҳим гардиданд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳу осоиш» ин мадад расондан оиди ба роҳ мондани равобит байни қисми маҳдуди ҳарбиёни мамлакатҳо-иштирокдори он мебошад. Намояндагони Қувваҳои Мусаллаҳи Ўзбекистон дар як қатор машқҳои муштарак, аз қабили «Меваи ҳамкорӣ-95», «Ултрабаланс-96», «Кооператив баннерс-97» (Норвегия), «Ултрабаланс-97», «Кооператив наггет-97» (ИМА), «Сентразбат-97» иштирок намудаанд.

Боз як самти муфид ҳамкории илмист. 13-14 июни соли кунун дар Тошканд маҷлиси Кумитаи илмии НАТО ва конфронси илмӣ оиди амалӣ гардондани лоиҳаи илмии «Роҳи бузурги абрешим» ба амал омад, ки барои ба вуҷуд овардани шабакаи ягонаи компутерикониӣ байни муассисаҳои илмӣ ва таълими мамлакатҳо-узвҳо ва шарикони НАТО бо муассисаҳои ҳаминқабилаи Қафқоз ва Осиёи Марказӣ нигаронда шуда буд. Бояд қайд намуд, ки дар Тошканд бори аввал дар Осиёи Марказӣ маҷлиси сайёри Кумитаи илмии НАТО гузаронда шуд. Дар доираи он ба Ўзбекистон ҷонишини Сармуншии НАТО оид ба масъалаҳои илмӣ ва муҳити атроф Ҷ.Фурне ташриф овард. Ҳоли ҳозир НАТО ба олимони Ўзбекистон 69 грантро дар соҳаи илм ҷудо намудааст.

Ҳамкорӣ бо НАТО дар доираи барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳу осоиш» ва Шўрои шарикии Авроатлантика баҳри манфиатҳои ҷумҳуриятамон дар кори таҳкими мўътадилӣ ва амният дар минтақа хизмат расонда, ба вусъати ҳамкории ҳарбиву сиёсии Ўзбекистон бо мамлакатҳои номдори Ғарб мусоидат мекунад, барои ба ҳукми ҷомеаи ҷаҳонӣ пешкаш кардани иттилоот дар хусуси усулиятҳои асосии сиёсати дохилаву берунии давлатӣ имконият фароҳам оварда, омили муҳим дар бобати пеш бурдани ташаббусҳои Ўзбекистон мебошад, ки барои таъмини амнияти худӣ ва минтақавӣ нигаронда шудааст. Ва иштироки ҳайати вакилони Ўзбекистон таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов дар саммити НАТО-Шўрои шарикии Авроатлантика дар Прага, ки 21-22 ноябр ба амал омад, боз як иқдоми муҳим дар роҳи минбаъда вусъат додани ҳамкории байни Ўзбекистон ва НАТО мегардад.

**Музаффар ЗОҲИДОВ,**
**шореҳи ОИ «Ҷаҳон».**

**Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

# Дар бораи тадбирҳои амиқгардонии тадқиқотҳо дар соҳаи бонку молия

Ба мақсади амиқан омўхтани тамоюлот ва рушди қонунии низоми молияву бонки ҷумҳурият, ба вуҷуд овардани заминаи мустаҳками илмиву методологии пешгўии рушд, минбаъда ислоҳсозӣ ва озодкунии низоми молиявӣ ва бонкӣ, таҳияи таклифҳо оиди ташаккули сиёсати пулу воме, ки ба амалӣ гардондани самтҳои асосии устувор ва вазифаҳои мақсадноки ислоҳсозиву рушди иқтисодиёти мамлакат нигаронда шудаанд, Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Таклифи Бонки марказӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Ўзбекистон дар хусуси созмон додани Пажўҳишгоҳ оиди пешгўии рушд ва озодкунии низоми бонку молия (минбаъд Пажўҳишгоҳ номида мешавад) пазируфта шавад.

2. Вазифаҳои асосии Пажўҳишгоҳ инҳо муқаррар карда шаванд:

амалӣ гардондани таҳлили амиқи вазъи замонавии рушди низоми бонку молияи ҷумҳурият, омўхтани таҷрибаи ҷаҳонии арзи ҳастии сохторҳои бонкӣ ва молиявӣ, дар асоси тайёркунии таклифҳо оиди ислоҳсозӣ ва озодкунии минбаъдаи низоми бонкӣ, такмил додани қонунбарории соҳаи бонк;

иштирок дар таҳияи рушди стратегӣ ва ислоҳсозии низоми бонкиву молиявие, ки бо сиёсати меҳиқтисодиёт ва буҷа зич баҳам алоқаманд ҳастанду ба вазифаҳои мақсаднок ва самтҳои устувори ислоҳсозии иқтисодиёт мутобиқ мебошанд, қабули барномаҳои маҷмўъгии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат;

амиқан омўхтани тамоюлоти рушди муносибатҳои пуливу вомӣ ва механизми муомилоти пул, таҳлили агрегатҳои пулӣ дар алоқамандии байниҳамдигарӣ бо нишондиҳандаҳои меҳиқтисодиёт, таҳияи таклифҳо оиди маҳдуд сохтани афзоиши пули нақд, кам кардани мувизаи ғайрибонкӣ, таҳкими низоми пулӣ, таъмини мўътадилии асъори миллӣ ва баланд бардоштани қобилияти харидкунии он, муайян кардани мутобиқати оптималии пули нақду ғайринақд дар муомилоти пулӣ;

асоснок кардани самтҳои пешгўишавандаи нишондиҳандаҳои асосии монетарӣ ба мўҳлати кўтоҳ ва миёнамўҳлати пешомаднок;

омўзиши тамоюлоти рушди бозори дохилаи асъор, механизми ташкили савдои асъори байнибонкӣ, таҳлили омилҳое, ки ба тағйир ёфтани қурби мувиза таъсир мерасонанд, асоснок кардани таклифҳо оиди озодкунии минбаъдаи сиёсати асъорӣ ва унификатсияи қурби мувиза, рушди бозори асъори байнибонкӣ, босамар истифода бурдани захираҳои асъории давлат, таъмини афзоиши устувори захираҳои тиллову асъор;

дар асоси таҳлили таклифҳо оид ба такмил додани минбаъдаи низоми дусутунии бонкӣ ва молиявии ҷумҳурият, баланд бардоштани мустақилкорӣ ва устувории арзи ҳастии бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисоти молиявӣ ;

амалӣ гардондани мониторинг бар тамоюлоти рушди низоми байналхалқии молиявию бонкӣ, таҳлили муназзамӣ ва самтҳои маҷроҳои молиявии ҷаҳонӣ, таҳияи таклифҳои даххлдор оиди таҳкиму рушди низоми молиявию бонкии ҷумҳурият ва ҳамгароии он ба низоми молиявии ҷавонӣ.

3. Муқаррар карда шавад, ки Пажўҳишгоҳ мақомоти кории Кенгаши бонкии ҷумҳурӣ буда, ҳини фаъолияти худ дар назди Бонки марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Сохтори Пажўҳишгоҳ дар ҳадди 32 воҳиди кормандони (бидуни хизматчиён) тасдиқ карда шавад.

Ба Кенгаши бонкии ҷумҳурӣ ҳангоми зарурат даровардани тағйирот бар ҳадди кормандони муқарраргардида, ба сохтори тасдиқгардидаи Пажўҳишгоҳ ҳуқуқ дода шавад.

Директори Пажўҳишгоҳ аз рўи мақом, шароити моддӣ ва таъмини хизмати маишӣ ба ҷонишини Раиси Бонки марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон баробар карда шавад.

5. Ба Кенгаши бонкии ҷумҳурӣ супурд шавад:

дар бадали ду ҳафта Низомро дар бораи Пажўҳишгоҳ оид ба пешгўии рушд ва озодкунии низоми бонкиву молиявӣ тасдиқ намояд;

тадбирҳоро оид ба Паҷўҳишгоҳ ба кор ҷалб кардан ва амалӣ гардондани тадқиқотҳои баландмалакаи кормандони илмӣ, корбастони миллӣ ва байналхалқӣ дар соҳаи молияву бонк андешад;

ба Пажўҳишгоҳ барои ҷалб сохтани грантҳои ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ, бунёдҳои хориҷа ва дигар манбаъҳо мадад расонад.

6. Ба Пажўҳишгоҳ ҳуқуқҳои зерин пешкаш карда шавад:

амалӣ гардондани тадқиқотҳо бо роҳи созмон додани гурўҳҳои муваққатии корӣ аз ҷумлаи кормандони Пажўҳишгоҳ ва корбастони ҷалбкунанда, кормандони илмӣ ва мутахассисон, аз он ҷумла аз ҷониби хориҷиён;

дар асоси қарордодӣ ба тадқиқотҳо ҷалб сохтани мутахассисони мақомоти давлатии идора, идораҳо, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ, кормандони марказҳои тадқиқотӣ, олимон ва омўзгорони муассисаҳои таълими олӣ;

ба имзо расондани шартномаҳо барои ба рўи об баровардани тадқиқотҳо ва корҳои муштарак бо ташкилотҳои байналхалқӣ, муассисаҳои молиявии хориҷа, бунёдҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ;

фиристодани кормандони Пажўҳишгоҳ ва мутахассисони ба тадқиқотҳо ҷалбкунанда, корбастон ба таҷрибаомўзӣ ва таҳсил дар марказу донишгоҳҳои тадқиқотии хориҷа;

амалӣ гардондани фаъолиятиноширӣ, интишор кардани хулосаҳову маърўзаҳои иттилоотиву таҳлилӣ оид ба муаммоҳои рушди соҳаҳои молиявӣ ва бонкӣ;

пурсидан ва гирифтани иттилооти зарурии меъёрӣ, оморӣ ва таҳлилӣ аз мақомоти марказии иқтисодӣ, вазоратҳо, идораҳо, бонкҳо ва дигар ташкилотҳо дар доираи вазифаҳое, ки ба зиммаи Пажўҳишгоҳ гузошта шудаанд.

7. Пажўҳишгоҳ ба инҳо дохил карда шавад:

феҳристи ташкилотҳо барои ҳатман фиристодани фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, маводҳои Олий Маҷлис, қарорҳо ва амрҳои Девони Вазирон, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва тавзеҳотии вазорату идораҳо;

реестри фиристодани ҳатмии бюллетенҳои иттилоотии оморӣи Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии андоз, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Оҷонсӣ оид ба равобити берунии иқтисодии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, дигар вазорату идораҳо.

8. Манбаъҳои бо пул таъминкунии Пажўҳишгоҳ маблағҳои Бонки марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, грантҳои Марказ оид ба илму технология, ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ, фармоишҳои Ассотсиатсияи бонкҳои Ўзбекистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар сохторҳои молиявию иқтисодӣ, ҳамчунин даромадҳои худии Пажўҳишгоҳ муайян карда шавад.

9. Пажўҳишгоҳ дар нишонии: шаҳри Тошканд, тангкўчаи А.Қаюмов 2 ҷойгир карда шавад.

10. Ба Бонки марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ:

аз Ассотсиатсияи бонкҳои Ўзбекистон бинои номбаргардидаи Пажўҳишгоҳро ба тасарруфи худ гирад;

хароҷоти Ассотсиатсияи бонкҳои Ўзбекистонро, ки алоқаманди сохтмони бинои Пажўҳишгоҳ аз рўи хароҷотҳои воқеӣ мебошанд, пардозад.

11. Ба Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва бо иттилоотфарогирӣ супурда шавад, ки Пажўҳишгоҳро бо намудҳои зарурии алоқаи телефон ва телекоммуникатсия, аз он ҷумла алоқаи ҳукуматӣ таъмин созад.

12. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Р.С.Азимов ва раиси Бонки марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ф.М.Муллоҷонов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон**
**И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
18 ноябри соли 2002.



Заводи машруботи ба номи Ховренкои Самарқанд бо номгўи зиёди маҳсулоту хушсифатии худ машҳур аст. Аз ин рў харидорони сершумор дорад, ки дар байнашон аз мамлакатҳои хориҷӣ низ ҳастанд.

**Дар суратҳо: 1.** Технолог **Лариса Баранова** ва челонгар **Рашид Раҳимов** дар сари кор. **2.** Кормандони завод **Л.Мардонова** ва **Л.Раҳимова** бо намунаи маҳсулот.

**Аксбардор: В.ПОРТНОВ.**



Аҳли заводи пахтаи «Ўзбекистон»-и ноҳияи Юқори Чирчиқи вилояти Тошканд имсол ҳосили фаровони меҳнаткашони деҳотро қабул карданд ва алҳол онро аз нав кор намуда, ба мизоҷони худ, ки бештар аз мамлакатҳои хориҷианд, мефиристанд.

**Дар сурат:** ғарамҳои пахтаи завод.

**Аксбардор: Ҳ.АВВАЛОВ.**



**Ба пешвози даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

Ҳокимияти маҳаллӣ дар шаҳракҳо, деҳаҳо ва авулҳо дар шакли мақомоти худидора ба амал бароварда мешавад. Аз ин рў дар Конститутсия ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо диққату эътибори калон дода шудааст. Сохтори давлатӣ ва маъмуриву ҳудудӣ васеъ маънидод гардидааст. Қонуни Асосиамон мақоми Ҷумҳурияти Қароқалпоқистонро дар таркиби Ҷумҳурияти Ўзбекистон эътироф мекунад ва мустақилияти онро ҳифз мекунад.

Акнун дар хусуси сохтори давлатӣ ва маъмуриву ҳудудии Ҷумҳурияти Ўзбекистон сухан меронем, ки дар фасли чоруми Конститутсия инъикос гардидааст.

### VI.Сохтори давлатӣ ва маъмуриву ҳудудӣ

Фасли чоруми Конститутсия, ки «Сохтори давлатӣ ва маъмуриву ҳудудӣ» ном дорад, аз 2 боб ва 8 модда иборат буда, ин тавр номгузорӣ шудаанд:

**Боби XVI. Сохтори маъмуриву қаламравии Ҷумҳурияти Ўзбекистон» ва «Боби XVII. Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон».** Баробари ошно гардидан бо ин бобҳову моддаҳо кас филфавр ҳис мекунад, ки Ўзбекистон аз ҷиҳати ҳудуд хеле доманадор мебошад.

Хўш Ўзбекистон ба кадом сохтори маъмуриву қаламравӣ тақсим мегардад? Ва он дар моддаи 68 Конститутсия ба ин зайл баён гардидааст:

**«Ҷумҳурияти Ўзбекистонро вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо, авулҳо, инчунин Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ташкил медиҳад».**

Ва ин нуктаро бо таркиби дигар ҷамоҳири собиқи иттифоқиву алҳол давлати мустақил қиёс кунем, дар он сурат пай мебарем, ки дар аксари онҳо калимаи «вилоят» ба назар намерасад. Яъне сохтори маъмуриву қаламравии онҳо бо дигар ислоҳот номбар мегардад. Дар мо бошад, 12 вилоят—Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах, Навоӣ, Наманган, Самарқанд, Сурхондарё, Тошканд, Фарғона, Хоразм, Қашқадарё ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон арзи ҳастӣ карда, дар ҳудуди Ўзбекистон ҷойгир шуда, аз 447,4 ҳазор километри мураббаъ иборатанд. Дарозии сарҳадҳоямон бошад, ба 6221 километр баробар мебошад. Дар Шимол фароҳиҳои Устюрт, соҳилҳои ғарбии баҳри Арал, дар ҷануб—шаҳри Тирмиз, дар Шарқ—водии Фарғона, дар Ғарб бошад, фароҳиҳои Устюрт нуктаи охирини сарҳадҳоямон ба ҳисоб мераванд.

Вилоятҳоямон ҳам аз ҷиҳати сохти маъмуриву қаламравӣ ба ноҳияҳо тақсим гардидаанд. Алҳол дар Ўзбекистон 183 ноҳия арзи ҳастӣ мекунад. Дар Ўзбекистон 119 шаҳр мавҷуд аст. Шаҳракҳо бошанд, нисбати шаҳрҳо камтар, ҳамагӣ 115 ададанд. Теъдоди деҳаҳо дар ҷумҳурият ба 1300 адад баробар аст. Авулҳо ҳам ҳастанд, ки теъдодашон 131 адад буда, асосан дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Навоӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Ва худи ин рақамҳо аз ҳамин гувоҳӣ медиҳанд, ки Ўзбекистони ҷоноҷонамон то чӣ андоза пурсалобату пурсалоҳият мебошад.

Акнун савол ба миён омаданаш муқаррар аст: мабодо сарҳадҳои байни онҳо дигар шуданӣ шавад, масъалаи мазкурро кӣ ҳаллу фасл мекунад? Зеро амалия собит мекунад, ки баробари пеш рафтани ҳаёт, азхудкунии заминҳои нав ба нави навкорам, конҳои нав ба нав ва ғайра ба миён омадани вилоят, ноҳия, шаҳр, деҳаву авули нав ин як ҳодисаи муқаррарист. Ва ин талаб танҳо дар пойгоҳи талаби Конститутсия ҳаллу фасл карда мешавад ва дар моддаи 69-уми он ин тавр тавзеҳ дода шудааст:

**«Барои тағйир додани сарҳадҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳри Тошканд, инчунин барои созмон додану барҳам задани вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо розигии Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон талаб карда мешавад».** Дар ин бора ҳамчунин дар банди 24-уми моддаи 78 Конститутсия, ки ба ваколати махсуси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон бахшида шудааст, низ нуктаро хондан мумкин аст:

**«ба амал баровардани дигар ваколатҳо, ки дар Конститутсияи мазкур пешбинӣ карда шудаанд».**

Ва он бесабаб нест. Порлумон, яъне Олий Маҷлис, ки ҳокимияти қонунбарор аст, асосан аз вакилони халқ—интихобкунандагони халқ иборат аст. Аз ин рў вай мақомоти хоссаест, ки ваколати халқро ба дўш мегирад ва мувофиқи он амал менамояд.

Ва мақомоти қонунбарории мо дар солҳои истиқлолият дар бобати иҷрои ин ваколати худ корҳои зиёдеро ба иҷро расонд. Дар ин бора ба далелҳои мушаххас назар афканем, дар он сурат, исботи фикрамон ба осонӣ мекўчад.

Иҷлосияи чордаҳуми Олий Маҷлис даъвати якум, ки 15 апрели соли 1999 ба амал омад, қарорро дар бобати дар ҳудуди вилояти Ҷиззах созмон додани ноҳияи маъмуриву ҳудудии Янгиобод қабул кард. Ва ин кор ба мақсади ривоҷу равнақ бахшидани ҳудудҳои ҷанубии ҳамҷавори вилоятҳои Ҷиззаху Сирдарё, аниқтараш ноҳияҳои Ховосу Боёвут, босамар гардондани роҳбарӣ, беҳтар кардани хизмати нақлиёт ва дигар намудҳои хизмат, фароҳам овардани шароити қулай барои қонеъ гардондани талабу эҳтиёҷи рўзафзуни аҳолии ин мавзеъҳо ба иҷро расиду таклифи Девони Вазиронро дар ин бобат вакилони халқи парлумон якдилона пазируфтанду бо ҳамин ноҳияи нави Янгиобод созмон ёфт. Дар қарор майдони умумии ноҳия, сарҳад, марказ ва дигар ҷиҳатҳои зарурӣ возеҳу равшан баён гардид ва он барои тезтар фаъолият пеш бурдани сохторҳои зарурӣ дар ин мавзеъ ёрии калон расонд.

Моҳи августи худи ҳамон сол дар иҷлосияи понздаҳуми парлумон қарори дигар дар бобати ташкил кардани ноҳияи Кармана ва васеъ гардондани ҳудуди шаҳри Зарафшон қабул гардид.

Ин қабил мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

Дар боби XVII фасли мазкур, ки «Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон» ном дорад, зикр гардидааст, ки Ўзбекистон мақоми Ҷумҳурияти Қароқалпоқистонро эътироф намуда, соҳибихтиёрии онро ҳифз мекунад. Муносибати байниҳамдигарии Ўзбекистон ва Қароқалпоқистон дар асоси шартномаҳо ва қарордодҳои байни ду ҷумҳурӣ баимзорасида ба роҳ монда мешавад.

Дар боби мазкур зикр гардидааст, ки Ҷумҳурияти мустақили Қароқалпоқистон ба ҳайати Ҷумҳурияти Ўзбекистон дохил аст. Мустақилияти Ҷумҳурияти Қароқалпоқистонро Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳифз мекунад. Қароқалпоқистон соҳиби Конститутсияи худ буда, он бар хилофи Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон буда наметавонад. Иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҳатмист. Қаламраву сарҳадҳои он бе розигии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон тағйир дода намешавад. Қароқалпоқистон масъалаҳои сохтори маъмуриву қаламрави худро мустақилона ҳал мекунад.

Дар ин ҷо як моддаи алоҳида ҳаст, ки то чӣ андоза демократӣ будани Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистонро бори дигар собит мекунад ва он масъалаи тааллуқи аз ҳайати Ҷумҳурияти Ўзбекистон баромадани Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон аст. Ва ин кор танҳо дар асоси раъйпурсии умумии халқи Қароқалпоқистон амалӣ гардонда мешавад.

Боз як нуктаи муҳим дар он мебошад, ки баҳсҳои байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон бо роҳи оинҳои ризомандӣ ҳаллу фасл карда мешаванд.

Дар айни замон ҳатмӣ будани иҷрои қонунҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон низ аз он далолат медиҳад, ки ҳокимияти халқӣ тантана мекунад.

Қароқалпоқистон алҳол соҳиби Конститутсияи худ мебошад ва дар он ваҳдату қаробати доимии ўзбекон ва қароқалпоқҳо тасдиқи худро ёфтааст. Ва агар нуктаҳои фасли мазкури Конститутсияро бо қонунҳои асосии пештараи дар замони салтанати Шўроҳо қабулгардида қиёс кунем, дар он сурат пай мебарем, ки Қонуни Асосии кунунӣ то чӣ андоза кафолатҳои васеъро додааст.

Дар фасли мазкур низ имкониятҳои таърихии ба туфайли истиқлолият ба даст омада акси худро пайдо кардаанд. Ва баробари дарк кардани ин афзалиятҳо бори дигар қалбамон аз фахру ғурур саршор шуданаш муқаррар аст.

**Т.ЭҲСОН.**

*Шарҳи рўзнома*

# Дўстии абадӣ

## Ба муносибатҳои дипломатии байни Ўзбекистон ва Қазоқистон даҳ сол пур шуд

23 ноябр ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ҷумҳурияти Қазоқистон даҳ сол пур шуд. Дар тўли ин солҳо мамлакатҳои мазкур роҳи душворро оиди сохтмони давлатӣ тай намуданд ва дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун субекти баробарҳуқуқии муносибатҳои байналхалқӣ мақоми худро пайдо карданд. Ҳар ду мамлакат мавқеи ягона ва наздикро оид ба бисёр масъалаҳои сиёсати кунунии байналхалқӣ доранд. Ташаббусҳои Қазоқистон ва Ўзбекистон оиди таҳкими амнияти байналхалқӣ нақши калон доранд. Байни ду давлат мунтазам муколама ба дараҷаи воломақом, дуҷониба ва шаклҳои серҷониба давом доранд. Вохўрии шахсии сарони давлатҳо, дўстии онҳо ба таҳкими муносибатҳои ҳамсоягии нек таъсири хуб мерасонад. Байни мамлакатҳоямон то ҳол беш аз 80 ҳуҷҷати байнидавлативу байниҳукуматӣ ба имзо расидаанд. Шартнома дар бораи дўстии абадӣ, созмон додани масоҳати ягонаи иқтисодӣ, созишномаҳои тиҷорати озод, ҳамкорӣ дар кори гумрук, дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва делимитатсияи сарҳадҳо аҳамияти калон касб мекунанд. Ҳамкории дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ пайваста мустаҳкам мегардад. Алалхусус равобит дар соҳаи нақлиёт, телекоммуникатсияҳо, маҷмўъҳои сўзишвориву энергетикӣ ва хоҷагии об натиҷаҳои матлуб мебахшанд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ҳам пайваста вусъат меёбад. Дар сарзамини меҳмоннавози Ўзбекистон тадбирҳо бахшида ба 150-солагии Абай, 100-солагии Мухтор Авезов ба амал омаданд. Дар Қазоқистон бошад, конфронс таҳти унвони «Нақш ва мақоми Амир Темур дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ» доир гардид. Ҳунарварони ўзбекистонӣ дар озмуни ҳарсолаи байналхалқии мусиқии «Осиё дауси», ҳунарварони қазоқистонӣ дар ҷашнвораи «Шарқ тароналари» фаъолона иштирок мекунанд. Ҷамоаҳои театрҳои мамлакатҳои мазкур дар ҳудуди ҳар ду давлат бомуваффақият ҳунари волои худро намоиш медиҳанд. Ҳамкории Иттиҳоди мусаввирони Қазоқистон ва Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ўзбекистон самараи хуб мебахшад.

Ҳамкории мамлакатҳоямон дар тамоми соҳаҳо пешомаднок аст ва боварӣ ҳаст, ки он рушд ёфта, баҳри манфиатҳои ҳар ду давлат, баланд гардидани сатҳи зиндагонии халқҳо хизмат мерасонад.

# Омўзиши Қонуни Асосӣ—вазифаи муқаддас

Дар маърўзаи худ дар иҷлосияи шашуми Олий Маҷлис даъвати дуюм Президент Ислом Каримов ба масъалаҳои озодкунӣ ва демократиконии низоми судиву ҳуқуқӣ дахл карда, аз он ҷумла зикр намуданд, ки Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд на танҳо муассисаи таълимӣ бошад, балки баробари ин маркази илмӣ ва ташкилие гардад, ки барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоеро таҳия намояд, ки алоқаманди ислоҳсозии низоми ҳуқуқӣ мебошанд.

Профессорон ва омўзгорони донишкадаи мазкур ба дархости сарвари давлатамон пайравӣ карда, корҳои ҷиддиро оид ба таҳияи китобҳои дарсӣ ба иҷро мерасонанд, ки ба андозаҳои байналхалқӣ ва рўҳи айём созгоранд. Аз он ҷумла, дар арафаи даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон силсилаи рисолаҳои илмиву оммабоб аз ҷоп баромад, ки барои дар байни аҳолӣ, алалхусус ҷавонон тавзеҳ додани мазмуну моҳияти Қонуни Асосӣ таъин гардидаанд.

Рисолаҳои мазкур як қисми корҳои калони ҷамоаи донишкада оид ба ташкили омўзиши нақш ва аҳамияти Қонуни Асосӣ дар ҷамъият, ташаккул додани шууру тафаккур ва маданияти ҳуқуқии ҷавонон, ҳамчунин таблиғу тарғиби Қонуни Асосӣ мебошад.

Рисолаҳо ин тавр номгузорӣ шудаанд:«Муассисаи Президентӣ», «Асосҳои конститутсионии шаҳрвандӣ», «Ҳуқуқҳо ва озодии шахс», «Инсон ва ҳуқуқи вай—арзиши аз ҳама воло», «Асосҳои ҳокимияти маҳаллии давлатӣ», «Конститутсия ва оила», «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Прокуратура», «Воситаҳои ахбори оммавӣ».

Дар онҳо ҳар як боби Қонуни Асосиамон тавзеҳ дода шудаанду на танҳо ба ҳуқуқшиносон, балки барои оммаи васеи аҳолӣ таъин гардидаанд.

**Беҳзод УСМОНОВ,**
**мухбири ЎзА.**

Мӯҳсин Умарзода

# Забони модариро пос бидорем

Чанде қабл аз ин—22 июли соли равон—дар Тошканд Рӯзи забони тоҷикӣ бо саъи Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно» ва бо ҳиммати волои сафорати Тоҷикистон дар Ўзбекистон, бо иштироки намояндагони кишварҳои ҳамзабон ва дигар меҳмонони дуру наздик бо як шукӯҳи хос баргузор шуд.

Раво ва сазовор аст, ки Рӯзи забони тоҷикӣ аз ҳамаи дигар ҷашнҳои миллии мардуми мо муҳимтару арзандатар дониста шавад. Ба чӣ далел чунин мегӯям? Чунки забон асоситарин рукн аз аркони ҳувияти миллӣ мебошад, ба иборати дигар, забон шиносномаи миллат, нишонгари ҳастӣ ва появу бақои ӯст; яъне ҳар гоҳ, ки сухан аз сарнавишти забон меравад, мурод ҳамоно сарнавишти миллат аст. Аз ин рӯ, забон барои ҳамчун миллати мушаххас вуҷуд доштани мардум ҳамон аҳамиятеро соҳиб аст, ки обу ҳаво барои ҳаёти инсон дорад.

Дар ин маврид ҳикояте аз Мавлонои Балхӣ дар бораи моҳиҳо ба хотир меояд. Боре моҳиён дар бораи об оғоз ба баҳсу гуфтугӯ намудаанд, вале азбаски аслу моҳияти обро нафаҳмидаанд, ба назди як моҳии бузургашон рафта, пурсидаанд, ки аҳамияти обро ба мо бигӯ, ки чист. Он бузургмоҳӣ аз пурсандагон хостааст, ки онҳо аз он ҷое ки буданд, худро беруни об бияфкананд ва пас аз он бозгарданд. Моҳиҳо бо хости бузургашон худро берун афканда, сипас, бо сад азоби беобӣ, дар ҳоли ҷонканӣ ба об даромада тавонистаанд, дар натиҷа бо моҳият ва ҳақиқати об ошно шудаанд.

Мисли ҳамин об аст аҳамияти забон барои миллат. Қадру қимати онро касе то аъмоқи дил эҳсос хоҳад кард, ки аз муҳити забони модарӣ берун афтода бошад.

Як тан аз шоирону донишмандони аз ватан дурафтодаи эронӣ Алӣ Муҳаммад аз Америкои Шимолӣ номае ба муносибати интишори маҷаллаи «Пайванд» ирсол дошта, ононеро, ки миёни форсии дарӣ ва тоҷикӣ садди Чин мегузоранд, мазаммат мекунад ва мегӯяд:

**Аҷамҷон, ҷон ба қурбонат,**
**Ба фикри мо касе набвад,**
**Ба ҷуз ман ё ту, эй дерина ҳамгуфтор!**
**Биҳил то жожхоён ёваҳо гӯянд!**
**Ту бо он гӯиши тоҷик,**
**Ва ман бо форсӣ гӯям,**
**Ва афғон бо дарӣ гӯяд,**
**Ҳарири парниён асту паранд, эй дӯст,**
**Ҳамон абрешими дерин,**
**Ки мо дар хонаи бобо ба тан кардем...**

Шоир дар ин пораи номааш бо суханони : «ба фикри мо касе набвад ба ҷуз ман ё ту» мехоҳад бигӯяд, ки ғами забонамонро бояд худамон бихӯрем.

Вале ғами забон фақат ғами аҳли қалам ё омӯзгор ва ё нависандаи дастур (грамматика) намебошад. Ҳар касе ки забони модариро азизу муқаддас мешуморад ва ашъори Рӯдакӣ ё достонеро аз достонҳои «Шоҳнома» хондааст, ё бо осори ҳаким Саноӣ ё Аттор ва ё Мавлонои Балхӣ каму беш ошноӣ дорад ё аз ғазалҳои Ҳофиз лаззат бурда, аз «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ панду андарз омӯхтааст, набояд аз тақдири забонамон дар канор бимонад.

Дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик номҳои ҳазорон ҳазор суханварон ва донишмандони баландовозае сабт ёфтаанд, ки дар осорашон дурахшонтарин ва олитарин фикру андешаи фарзандони нобиғаи мардуми мо таҷаллӣ гардидааст. Аммо мояи аз ҳама бузургтари ифтихор ва сарафрозиамон ин аст, ки форсии дарӣ-тоҷикӣ забони модарии мост.

Ин забоне аст, ки аз марзҳои зодгоҳаш—Варорӯд (Мовароуннаҳр) ва Хуросони Бузург гузашта ва дар Эрон ҷои форсии паҳлавиро гирифта, пас аз он аз Ҳинду Покистон то ба сарҳадҳои Руми шарқӣ ва Осиёи Сағир, аз соҳилҳои халиҷи Форс то ба Фарангистон (Аврупо) рафта, дилу ҷони шефтагони нафосат, ҳикмату маърифатро аз чашмасори як фарҳанги азиму куҳан шодоб гардонида ва дар қаламрави бепоёнаш он қадар зиёд осори ҷовидонии шеъру адаб ва илму донишро ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ эҳдо намудааст, ки ҳанӯз касе натавонистааст муаллифони ҳамаи он асарҳоро якояк ном бурда, ба оламиён муаррифӣ намояд.

Ин ҷо, ки забонамон ба сурати сегона зикр шуд, фурсатро мувофиқ дониста, мехоҳам дар бораи як забон будани форсӣ—дарӣ—тоҷикӣ боз ҳам сухане бигӯям. Ин ҳақиқат барои бисёр касон равшан аст, аммо ҳанӯз шахсоне ҳам кам нестанд, ки иддао доранд ин се ном гӯё номи забонҳои ҷудо-ҷудо аз якдигаранд ва модом, ки забони мо тоҷикӣ аст, бояд тоҷикӣ сухан гӯему нависем, на форсӣ ва на дарӣ.

Ин иддао барои ононе ки аз таърихи забонамон, чунон ки бояд, огоҳӣ надоранд, зоҳиран дуруст менамояд, вале аз чанд ҷиҳат хато ва ғалат аст.

Аввалан, таърих гувоҳ аст, ки яксонии номи миллату забони ӯ ҳатмӣ набудааст. Масалан, мо забони мардуми Юнонро «юнонӣ» мегӯем, аммо русҳо «грекӣ» («греческий») ва Юнонро «Греция» меноманд. Худи юнониён забонашонро «киликӣ» («эллинӣ») ва кишварашонро «Эллада» ном мебаранд. Инак, боз як мисоли дигар: мо халқи Германияро «немис» меномем, ки ба забонамон аз «немец»-и русӣ сироят кардааст. Вале эрониён Германияро «Олмон» ва забони немисиро «олмонӣ» мехонанд, аммо дар Афғонистону Покистон «ҷарманӣ» мегӯянд. Ҳол он, ки худи немисҳо забонашонро «дойч» ва мамлакаташонро «Дойчланд» меноманд. Боз даҳҳо чунин мисол овардан мумкин аст.

Сониян, забони мо асрҳо қабл аз ин, ки «форсӣ» номида шавад, бохтарӣ ва суғдӣ хонда мешуд ва дар худ ба андозае таъсири паҳлавии аҳди Ашкониро низ дошт. Сабаби «форсӣ» номида шудани забонамон ин буд, ки арабҳо нахуст Эронро, ки забонаш «порсик» («порсиғ») буд, истило карданд, баъд дар сари роҳашон то Варорӯд ҳар забонеро, ки эронӣ бошад, «форсӣ» меномиданд. Бо ҳамин тартиб ду гуна «форсӣ» ба вуҷуд омад: яке забони Эрон, ки «форсии паҳлавӣ» гуфта мешуд ва дигаре забони тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр, ки барои тафовут гузоштан аз паҳлавӣ номи «форсии дарӣ» гирифт.

Форсии дарӣ, ки ба суратҳои танҳо «форсӣ» ё «дарӣ» низ истеъмол мешавад, аз форсии Эрон фарқи калон дошт, аз ин рӯ форсҳо ин забонро намефаҳмиданд, бинобар ин дар муддати беш аз дусад сол дар Эрон бо ин забон чизе навишта нашуд, ки ин давра дар адабиёт бо истилоҳи «ду қарни сукут» ёд мешавад. Шоирони минтақаи Форс танҳо баъд аз қарни (асри) чаҳоруми ҳиҷрӣ омодаи гӯяндагӣ ва нависандагӣ ба забони форсии дарӣ шуданд. Донишманди эронӣ Абулқосими Озариён давраи омӯзиши ин забонро давраи «форсии дарӣ» меномад ва то қарни ҳафтум (асри 12 мелодӣ) форсӣ надонистани мардуми марказ, ҷануб ва мағриби Эронро шарҳ дода, мегӯяд, ки «дар даврони пеш дар ин навоҳӣ...форсии дарӣ ҳанӯз миёни умуми табақот ривоҷ ва интишор наёфта буд ва фақат касоне ки аҳли илму адаб буданд, форсии дариро меомӯхтанд ва дар осори девонӣ, идорӣ, илмӣ ва адабӣ ба кор мебурданд, аммо ҳамин касон дар хонаву бозор ба гӯиши маҳаллии худ мутакаллим буданд. Бинобар ин форсии дарӣ забони модарӣ ва табиии эшон набуд ва танҳо аз роҳи дарс хондан ин забонро меомӯхтанд». (Номаи порсӣ.1378 ҳ.саҳ.68).

Мутаассифона, дар оқибати бозиҳои сиёсӣ форсии дариро, ки ҳамеша як забон буд ва мебошад, ба се қисмат тақсим карданд: дар Эрон «форсӣ», дар Афғонистон «форсии кобулӣ», «дарии афғонӣ» ва ниҳоят, танҳо «дарӣ», дар Ўзбекистону Тоҷикистон фақат «тоҷикӣ» меномидагӣ шуданд, то худо нахоста касе нагӯяд, ки давлати тоҷик забони миллии худро надорад ва «форсӣ»-и Эронро ба орият гирифтааст. Ва ҳол он, ки халқи тоҷик забони худро дар тӯли зиёда аз ҳазор сол «форсӣ» номидааст.

Мо ҳоло метавонистем аз таҳқиқоти эроншиносони ҷаҳон, адибон ва донишмандони ҳамзабонамон дар бораи ин, ки чунин тақсимоти як забон ғалат будааст, хеле зиёд нақли қавл оварем.Вале ин ҷо барои кӯтоҳии сухан кифоя аст, ки таваҷҷӯҳи хонандаро ба навиштаи зерини олим ва шоири забардасти Афғонистон Беранги Кӯҳдоманӣ ҷалб намоем: «Ба асл, ба реша ва сарчашмаи забон биандешем. Афсонаи пучи «форсӣ», «дарӣ», «тоҷикӣ»-ро бовар накунем. Аз як забони воҳид савдогарона се забон насозем. Пазируфтани лафзи «дарӣ» ба ҷои «форсӣ» дар Афғонистон низ кори нодуруст будааст, ки имрӯз равшанфикрон ба ин амали иштибоҳомез пай бурданд».

Асл, реша ва сарчашмаи забонамон ҳамон аст, ки дар фавқ перомуни он каму беш матолиберо изҳор доштаем. Дар ин боб суханони аллома Саид Нафисӣ, донишманди бузурги Эрон, бисёр ҷолиб аст: «Забони дарӣ, яъне забони имрӯзи мо дар ҳамон навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, нахуст падидор шуда,...сипас ба мағриб ва шимоли Эрон, ки забонаш дар давраи пеш аз ислом забони паҳлавӣ будааст, рафта ва забони саросари Эрон шудааст». («Паёми навин», 1342 ҳ.шумораи 11. саҳ.32). Устод Нафисӣ пас аз як сол дар мақолаи худ «Таърихи миллати тоҷик» боз ба ин мавзӯъ дахл карда, менависад, ки «сарзамини тоҷикон сарзамини аслии забони дарӣ, яъне забони форсии адабии имрӯз аст» (ҳамон маҷалла, 1343, шумораи 11-12, саҳ. 136-137).

Забони мо нахустин бор дар замони шӯравӣ расман «тоҷикӣ» номида шуд, ки дар ин давр алоқаю робитаҳои мо бо Эрону Афғонистон ниҳоят суст гардида, дар бисёр мавридҳо тамоман қатъ ёфта буд. Дар натиҷа тафовутҳои забонӣ дар истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, дастурӣ (грамматикӣ) ва ғайра бештар шуданд. Вале ҳамаи инҳо тафовутҳои ҷузъӣ буданд ва ҳаргиз наметавонистанд табиати забонамонро ба куллӣ дигаргун сохта, ҳар яке аз лаҳҷаҳоро ба забони алоҳидаи мустақил табдил диҳанд. Аммо то даме ки лаҳҷаҳо бо таъсири забони адабӣ тамоман аз байн нараванд, ҳар гуна гӯишу шеваҳои маҳалҳои ҷудогона боқӣ мемонанд, чунон, ки имрӯз ҳам ҳастанд. Масалан, аҳолии дараи Панҷшери Афғонистон мегуфтаанд: «Лафзи мо порсивон, хидимо тоҷик». Ё ин, ки эрониён «рост мегӯӣ»-ро дар гӯиш «росс мегӣ» талаффуз мекунанд. Ва ё мисоле аз гуфтори мардуми Тоҷиккишлоқи вилояти Ўши Қирғизистон, ки мегӯянд: «Иқа нига мекинӣ», яъне «ин қадар нигоҳ мекунӣ?». Равшан аст, ки ин намунаҳо қатрае аз дарё мебошанд.

Лаҳҷа лафзи гуфтугӯи омиёна аст, ки одатан дар чаҳор девори хона ва кӯчаву бозор истеъмол мешавад. Аммо дар он ҳамчун дар сангу шағали кон тиллорезаҳое ёфт мешаванд, ки метавонанд зебу зинати забони адабӣ бошанд...

Вақтҳои охир таваҷҷӯҳи хонандагони «Овози тоҷик» ба паҳлӯҳои гуногуни рӯшду нумӯи забони модарӣ афзудааст. Банда ин падидаро ба фоли нек гирифтаам: бошад, ки ҳар фарди тоҷик сарнавишти забони модариро сарнавишти миллат дониста, барои бақои он, барои равнақу густариши он мубориза намояд.

Донистани қадру мартабаи забонамон, бо ҳар роҳу равиш боло бурдани сатҳи забондонии омма, мухолифат ба соддагароии ифротӣ ва саҳлангорӣ ба саҳву хатоҳои фоҳиш дар истеъмоли сухан, муваффақ шудан ба нутқи равону белакнати аксарияти мардум дар гуфтугӯҳои рӯзмарра, покиза нигоҳ доштани забон аз ҳар гуна ғиллу ғаш ва афсурдагиҳо вобаста ба ҳиммати худи соҳибзабонон мебошад. Маънои ҳиммат, ки васеъ аст, мафҳуми ҳадаф, иродаи қавӣ, азму ҷазм, талошу кӯшишро дар бар дорад. Беиллат нагуфтаанд, ки «ҳиммат агар силсилаҷунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад».

Чи хуб аст, ки бисёр соҳибзабонон аз вазъи имрӯза ваояндаи забони модарӣ бепарво нестанд. Нишонгари ҳамин воқеият мебошад, ки як мақолаи Абдулло Субҳон—«Сухани фасеҳу расоям орзуст» миёни хонандагони рӯзнома бозтобею акси садое пайдо кардааст, ки шоистаи тақдир ва ситоиш аст.

Муаллиф нуктаҳои асосии мақолаашро дар пешгуфтори саҳифае, ки дар ин мавзӯъ дар «Овози тоҷик» (6.02.2002) мунташир гардида буд, бори дигар (аз номи шахси сеюм) бозгӯ мекунад: «мегӯяд, ки сарфу наҳви мо таи ҳафтод сол миллӣ набуд. Ифода ва қолабҳои ҷумлапардозиамон аз табиати забонамон дур будаанд. Дар мактабҳои миёна даҳ сол аз забон ва адабиёт сабақ дода бошад ҳам, имрӯз таълими қонуну қоидаҳои забонро ба хонандагон шуғли бесуд меҳисобад. Ҳиссачаҳои «ана», «мана», «ҳӯ», «ҳу», «чӣ» (аз қабили «монед-чӣ») ва «мӣ»-ро колои дигарон мешуморад. Изҳори ақида менамояд, ки «гуфта истодаам», «омада истодаам», «рафта шиштаам» барин таркибҳои феълӣ ғалат будаанд...»

Ба ин тартиб, Абдулло Субҳон андешаҳои ғайримаъмулиро иброз медорад, чизеро мепазирад ва чизеро рад мекунад. Баъзе афкораш, аз ҷумла назари ӯ дар бораи суде надоштани таълими қонуну қоидаҳои забон аз нигоҳи нахуст як иддаои ғайриҷашмдошт менамояд, аммо дар замири он фикрҳое нуҳуфтаанд, ки ҳанӯз гуфта нашудаанд ва бояд гуфта шаванд.

Тавре ба назар мерасад, ки муаллиф ба чунин хулосаҳое ки ба зербинои дастурии (грамматикии) забон дахл мекунанд,яку якбора наомадааст. Пайдост, ки ӯ осори бузургони шеъру адаби моро аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав ва «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ гирифта, то «Самаки айёр»-у «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» бисёр мутолиа карда, аз забони рангину ширини форсии дарӣ- тоҷикӣ, ки ба таъбири Ҳофиз «қанди порсист», лаззат бурдааст ва ба вазъи кунунии забонамон муқоиса намуда, ба ҳоли он дилаш сӯхтааст.

Инак, ҳамин мақолаи «Сухани фасеҳу расоям орзуст» боис шуд, ки банда низ дар фикру андеша фурӯ рафта, ба гузаштаҳои на он қадар дур назаре афканам.

Охири солҳои бистум ва сиюм буд. Мо зери фишор ва амри қатъию баҳснопазири ҳокимони замон аз алифбои арабиасоси ниёконамон даст кашидем ва дар як фурсати кӯтоҳ ду бор тағйири алифбо кардем ва ё агар ба ифодаи устод Сотим Улуғзода гуфта шавад, «дарахти маънавиёти халқамонро аз решаи ҳазорсолааш буридем». Бисёр касоне ки бо алифбои қадимаи миллиамон хату савод омӯхта, дар мадрасаҳо дарс дода ҳам метавонистанд ва аз донишҳои он давр огоҳ буданд, бо унвони муллою эшону иртиҷоъпараст ҳабс гардиданд ва дар зиндонҳо ҳалок шуданд. Ҳазорон ҳазор китобҳои нодир, ки онҳо гӯё китобҳои динӣ ва зарарнок будаанд, ба замин гӯр карда ва ё сӯхта шуданд. Ба ҳамин тариқ чанд насли миллат аз хондану омӯхтани онҳо маҳрум монданд, пайвандҳои фарҳангию маънавӣ ва забонӣ бо наслҳои пешина сусту заиф гаштанд.

Дар ҳамин гуна вазъият вазифаи ба вуҷуд овардани забони адабии тоҷик ба миён гузошта шуд. (Гӯё,ки тоҷикон дар тӯли беш аз ҳазор сол забони адабӣ надоштаанд!!!). Маҷаллаи «Раҳбари дониш» аз шумораи 11-12-и соли 1928 зери унвони «Забони адабии тоҷик» як шӯъбаи махсус ташкил карда, аз як тараф, мақолаҳои гуногун роҷеъ ба ин масъала чоп мекард ва аз тарафи дигар, барои ошно кардани хонандагони худ аз равиш ва мазмуни мақолаҳои чопшуда дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои дигар маълумоти мухтасар медод.

Бубинед, дар он рӯзҳо чӣ чизҳое гуфта ва навишта мешуданд:

«Забони адабии оммафаҳми тоҷикӣ ҳаст-мӣ? Агар ҳаст, кадом аст? Агар нест, пас кадом лаҳҷаи зиндаи тоҷикиро бояд ба асоси забони адабӣ гирифт?»

«Ҳоло, ки мо мехоҳем адабиёти нави тоҷикӣ бисозем, ки мақсади он боло бардоштани дараҷаи маданнии оммаи меҳнаткаши....тоҷик аст, барои мо забони ин омма дуруст ва забони кӯҳнаи китобӣ нодуруст аст».

«Агар мехоҳед, ки забони адабии тоҷикӣ оммафаҳм бошад, пас, аз забоне ки тоҷикон бо он гуфта ва навиштаанд, даст кашед, зеро, ки вай мувофиқи лаҳҷаи зиндаи имрӯзии тоҷикон нест, чунончи таркиб ва услуби забонии тоҷикон тамоман дигар аст».

«Забони гуфтугӯи тоҷикон нодуруст аст ва барои ин вай забони адабӣ шуда наметавонад. Деҳқони аз маданият ақибмондаи тоҷик...зиёдтар аз ҳазор калима истеъмол намекунад».

Дар миёни ширкаткунандагони ин баҳсу мунозара касоне ҳам буданд, ки мегуфтанд:

«Замоне ки забони китобӣ ба лаҳҷаҳои тоҷик наздик аст, бо ихтирои забони адабии нав машғул шудан чӣ даркор?»

«Забони Рӯдакиро бояд ба асоси забони тоҷикӣ гирифт».

«Забони китобии имрӯзаро ислоҳ ва такмил карда, ба шакли забони умумии расмӣ даровардан лозим аст. Ин забон ба ҳамаи Тоҷикистон умумӣ мешавад ва барои паҳн намудани таъсири инқилобӣ дар Шарқи форсизабонон як яроқи (силоҳи) нағзе аст».

Дар ин ҳол бояд нуктаеро ҳам ёдовар шавем: ононе ки дар он солҳо барои соддаю ҳамафаҳм шудани забон саъю кӯшиш мекарданд, ба зоҳир нияти нек доштанд, аммо дар амал ин корашон оқибати нек наоварад. Аҳли қалам забони гуфтугӯии авомонаро сармашқи худ қарор доданд. Забон омиёна шуда, мақому мартаба ва нерӯи захиравии пешинаашро аз даст дод ва аз қуллаҳои балоғат ва фасоҳати худ чандин дараҷа пойин афтод.

Инак, дар ҳоле ки ҳамаи дигар халқҳо кӯшиш мекунанд то забони авомонаро ба пояҳои баланди забони мутамаддин расонанд, мо акси ин корро кардем, яъне забони Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ ва Ҳофизро ба забони кӯчаву бозор таслим гардондем. Бесабаб набуд, ки нахустин маҷмаи (гирдиҳамоии) ҷаҳонии устодони забони форсӣ дар Теҳрон огоҳонида ва ҳушдор дода буд: «Таслим дар муқобили забони муҳовараи (гуфтугӯии) омиёна хатари бузурге аст!»

Ҳақиқати ин сухан, аз ҷумла, дар он аст, ки мардум бидуни забони тавоно, ғанӣ ва расою пурзарфият наметавонанд фикри мураккаби самарбахш ва офаринанда дошта бошанд, чунки забони оҷиз, фақиру қашшоқ барои баёни ҳарчи комилтару дақиқтари ҳамаи андешаҳо ва маъниҳое, ки дар дилу дар мағзи сари одамизодагон чарх мезананд, имкон намедиҳад.

**(Давом дорад.)**

# Гулдастаи ҳикматҳо

## Дар васфи илму ҳунар, китобу мактаб, одобу тарбия

*Нури ақл дониш аст.*

◆◆◆

*Ҳунар аз дониш, дониш аз хониш.*

◆◆◆

*Ҳунар аз молу мероси падар беҳ.*

◆◆◆

*Зинати шахс—илму ҳунар,*
*Илму ҳунар—ҳусни дигар.*

◆◆◆

*Мулло бошӣ, такрор кун,*
*Деҳқон бошӣ, шудгор кун.*

◆◆◆

*Ғайрат нишонаи мардист.*

◆◆◆

*Тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол,*
*Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.*

◆◆◆

*Илм дар хурдӣ—нақш бар санг.*

◆◆◆

*Хат аз ҷумла ҳунарҳо беназир аст,*
*Ки рӯҳ андар тани барнову пир аст.*

◆◆◆

*Ҳар кӣ н-омӯхт зи гузашти рӯзгор,*
*Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

◆◆◆

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

◆◆◆

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, рав туву ин ганҷ неҳ.*

◆◆◆

*Донишу хостаст наргису гул,*
*Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам:*
*Ҳар киро дониш аст, хоста нест,*
*В-он киро хостааст, дониш кам.*

◆◆◆

*Бад он кӯш, то зуд доно шавӣ,*
*Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.*
*На донотар он кас, ки волотар аст,*
*Ки волотар аст он, ки донотар аст.*

◆◆◆

*То бад-он ҷо расида дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме ки нодонам.*

◆◆◆

*Ба дониш мардро бувад обрӯй,*
*Ба бедонишӣ, то тавонӣ, мапӯй.*

◆◆◆

*Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,*
*Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.*

◆◆◆

*Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,*
*Камоли одамӣ дар илм бошад.*

◆◆◆

*Тан ба ҷон зиндааст, ҷон зинда ба илм,*
*Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.*

◆◆◆

*То илм наёмӯзӣ, некӣ натавон кард.*

◆◆◆

*Илм агар андак бувад, хораш мадор,*
*З-он ки дорад илм қадри бешумор.*

◆◆◆

*Ҳар кӣ дорад донишу ақлу тамиз,*
*Аҳли ақлу илмро дорад азиз.*

◆◆◆

*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист!*
*Дониш талабу бузурги омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.*

◆◆◆

*Бани одам аз илм ёбад камол,*
*На аз ҳашмату ҷоҳу молу манол.*

◆◆◆

*Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз.*

◆◆◆

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

◆◆◆

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ*
*Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест.*

◆◆◆

*Дилатро ба донишварӣ дор хуш,*
*Чу донистӣ—он гоҳ дар кор кӯш.*

◆◆◆

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор!*

◆◆◆

*Чароғе бош, к-афрӯзад ҷаҳонро,*
*На он шӯъла, ки сӯзад хонумонро.*

◆◆◆

*То нест нишони илми воло,*
*К-аз халқ барӣ ба ҳила коло.*

◆◆◆

*Адаб шарт аст, агар фарзанд шӯх аст,*
*Саги девонаро дору кулӯх аст.*

◆◆◆

*Мард, ки аз илм тавонгар бувад,*
*Кай назараш бар гуҳару зар бувад?*

◆◆◆

*Ҳунар ҷӯю дар айбҷӯй макӯш,*
*Туро низ айбест, бар худ мапӯш.*

◆◆◆

*Шарафи одамӣ чу аз илм аст,*
*Ҳар кӣ донист, бандаи ӯям.*
*В-он кӣ бе илм мансабе ҷӯяд,*
*Мансаби ӯст мабразе гӯям.*

(Давомаш дар саҳ.4)

# Ҳусни нотакрори шаҳр

Гулистон маркази маъмурии яке аз вилоятҳои ҷавони Ўзбекистон—Сирдарё мебошад. Дар ҷои пештараи дашту биёбон қад бардоштааст. Маркази вилоят махсусан солҳои охир ба куллӣ симои худро тағйир дод. Биноҳои сершумори баландошёнаи таъиноти истиқоматӣ, маданиву маишӣ, маърифатӣ, таълиму тарбия қад кашидаанд.

Дар бобати ба таври шинохтанашаванда тағйир додани ҳусни шаҳр, қад кашондани биноҳои зебову назарработ бисёр ташкилотҳои бинокорӣ саҳм мегиранд. Минҷумла ба тайёр кардани масолеҳи бинокорӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ диққату эътибор пурзӯр гардидааст. Дар бобати тайёр кардани онҳо баробари дигар ташкилотҳо саҳми кормандони корхонаи хурди «Афросиёб-М» калон аст ва ба маҳсули дасти коркунони он талаб пайваста баланд мегардад.

Корхонаи мазкур соли 1996 ба кор сар карду ба тайёр кардани тахтачаҳои бетонӣ тахассусонида шуд. Ва талаб ба ин маҳсулот дар вилоят пайваста вусъат меёбад.

—Бо назардошти он ки талаб ба маҳсулоти мо пайваста меафзояд, барои зиёд кардани номгӯи он тадбирҳоро андешидем,—мегӯяд сарвари корхонаи мазкур Муҳиддин Каримқулов.

**Дар сурат:** лавҳае аз фаъолияти корхонаи «Афросиёб-М».

**Матн ва сурати Илҳом ТӮРАЕВ (ЎзА).**



Нуқтаи назар

# Қаламфарсои рози зиндагӣ

Дер гоҳест, ки навиштаҳои Муҳаммадҷони Шодиро мутолиа мекунам. Ба хусус, дар солҳои Истиқлол қалами ӯ бурротар шудааст. Дар шиносо намудани эҷоди чунин қаламкашон саҳми рӯзномаи «Овози тоҷик» калон аст.

М.Шодӣ пайваста дар ҷустуҷӯи эҷодист. Хештанро меҷӯяд, сабки худ, услуби хоси худро меҷӯяд. Гоҳе шеър мегӯяд, ҳикоя менависад, дар навъҳои гуногуни рӯзноманигорӣ қувва меозмояд ва ҳаққонӣ бояд гуфт, ки комёб мегардад дар ин ҷода. Ба хусус, дар наср ӯ вақтҳои охир бештар маҳорати худро ошкор намуда истодааст. Ба наздикӣ чопи қиссаи нави адиб дар рӯзнома бо номи «Зиндагӣ зӯр аст!» анҷом ёфт, ки таассуроти хубе гузошт.

Дар он ба масъалаи муҳими имрӯза, ки диққати ҷомеаро ба худ кашида—мушкилоти оилавӣ сухан меравад. Марҳабо солҳои зиёд бо шавҳараш ҳаёт ба сар мебарад, аммо ҷузъи асосӣ, ки бояд онҳоро қавӣ бипайвандад—фарзанд намерасад. Ҳамин нуқтаи падидорандаи зиддияти асар—фарзанд гиреҳбандии асосии онро ташкил дода. Ӯ дугонаи солҳои мактабӣ—Маъсумаро, ки бо ду фарзанд аз шавҳар бева монда буд, розӣ кунонда, бо шавҳари худ издивоҷ мекунонад. Як навъ ҳаёи ба мардумамон хос ононро водор мекунад ин розро пӯшида доранд ва ҳатто ба духтари аз Маъсума таваллудшуда низ. Дар оянда ӯ назди фарзандонаш бармегардаду барои духтари худ—Шаҳноз ҳамчун «холаи дурафтода», Марҳабо «модар» шиносонда мешавад. Ин корнамоии ӯ як оилаи ҷавонро аз ҷудошавӣ эмин дошт. Дар шароити имрӯза, ки баъзе оилаҳо бо сабабҳои ночиз ҷудо мешаванд, ин хислати ӯ намунаи ибрат буда, ҳамин инсондӯстии ӯ маҳз қимати асарро баланд мебардорад.

Вале дар рафти қисса Маъсума худ аз ин олиҳимматии худ нобуд мегардад. Нависанда тавонистааст, ки олами ботинии қаҳрамони асарро баъд аз марги ӯ аз забони дигарҳо низ ошкор намояд.

Забони асар ҳам содда ва самимӣ мебошад. Табиист, ки бе ягон суханбозии барзиёд баён шудани он диққати хонандаро ба худ мекашад. Таваҷҷӯҳ намоед ба суханони Маъсума, ки дар лаҳзаи ҳалкунанда мегӯяд:

—Зиндагӣ зӯр омаду ҳамин хел шуд...

Шоёни таъкид аст, ки ҳунари нависанда аз пайи ҳар асари нав сайқал ёфта истодааст. Худи комёбии ҳар адибро аз рӯи ҳамин чиз метавон баҳо дод. Нависанда баҳри муассир баён намудани қисса кӯшиш намудааст. Иштирокдорони он ашхоси оддӣ, самимӣ буда, дар навбати худ қатъию боҷасорат низ ҳастанд. Дар он иштирокдори манфӣ ба назар намерасад, танҳо хонандаро даъват мекунад, ки баҳри ҳамдигарфаҳмӣ, одамшиносӣ саъй намоянд.

Дар рӯзнома чунин маводи ҷолиб зиёданд ва таҳқиқу баррасии онҳо ба манфиати кор аст. Зеро, маҳз кушодани ҷиҳатҳои муваффақиятноки асар ба пешравию эҷодкории ӯ кӯмак хоҳад кард. Ин бошад, дар назди адабиётшиносони мо вазифаи бештарро мегузорад. Он гуна, ки яке аз бузургон дар мавзӯи танқид чунин фармудаанд:«Ноқиди шеър дар назди ман аз гӯгирди сурх қиматтар аст!».

**Фозил ШУКУРЗОДА.**

